# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна дар мавзуи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст.**

Мусаллам аст, ки ҳар як давру замон қаламкашону воқеанигорони худро дорад. Таҳқиқи паҳлуҳои омӯхтанашудаи рӯзгору осори чунин чеҳраҳои дурахшони илмию адабӣ ва табаддулотчиёни ҳаёти адабию фарҳангӣ арзиши махсуси илмӣ дорад. Яке эҷодкорони навпардозу нововар ва ходимони маданӣ, ки дар ҷараёни ташаккулу таҳаввули адабиёти давраи нави тоҷик саҳми назаррас дорад, устод Садриддин Айнӣ буда, бо азамати дониши фазилат, ҳунари баланди суханпардозӣ ва афкори пурэъҷозу ҷаззоби адабӣ дар равнақу ривоҷи суханварию сухансанҷии адабиёти муосири тоҷик саҳми шоён гузошта, насри таърихию бадеӣ, тарҷумаи бадеӣ, афкори адабӣ-эстетикии адиб ва мухтассоти ҳунарии осори ӯ шоистаи таҳқиқу пажуҳишҳои ҷудогона мебошад.

Кори илмӣ-таҳқиқии Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна ба пажуҳиши масъалаҳои консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар эҷодиёти Садриддин Айнӣ бевосита рабт дорад.

Пажуҳиши мавзуъ ва масъалаҳои ба эҷодиёти устод Айнӣ иртиботдошта аз он ҷиҳат муҳим аст, ки осору фаъолияти ӯ гуногунпаҳлу ва хеле густардаю пурдомана буда, раванд ва ё маҷрои адабиёти давраи нави тоҷикро муайян мекунанд. Илова бар ин, дар заминаи осори нависанда майлу тамоюлҳои нави эҷодкорон ва пайравию таъсирпазирии онҳоро низ метавон муайян намуд. Автореферат ва диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновнаро дар мавзуи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» дар адабиётшиносии имрӯз ҳам аз нигоҳи мавзуъ ва ҳам аз ҷиҳати маводи пажуҳишӣ иқдоми назаррасу ҷолиб маънидод намудан мумкин аст.

Аз маълумоти муаллиф, ки дар автореферати диссертатсия дарҷ шудааст, бармеояд, ки диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза аз муқаддима, се

боб, шаш фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёту нашри таълифоти илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқӣ иборат аст.

Таҳқиқ ва муайян намудани ҳунари симоофаринии устод Айнӣ, шинохти биниши тозаи нависанда, баррасии арзишҳои маънавию маърифатии дар осори бадеӣ ва ба ин восита таҳқиқи масъалаи консепсияи шахсият мақсади асосии кори таҳқиқии довталаби дараҷаи илмӣ мебошад.

Муаллиф дар зимни таҳқиқи ҳунари чеҳранигории Садриддин Айнӣ ва консепсияи шахсият дар осори ӯ аз осори илмию назарии муътамади муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, ба монанди М.М. Бахтин, Д.С. Лихачев, Г.Н. Поспелов, Х. Мирзозода, М. Шакурӣ, С. Табаров, Р. Ҳодизода, Х. Шарифов, А. Сайфуллоев, А. Сатторзода, А. Раҳмонзода, М. Имомзода, А. Набавӣ ва дигарон дар мавриди муносиб истифода намудааст. Автореферати мавриди назар бо тарзу усулҳои муосири илмӣ таҳия гардида, барои соҳаҳои гуногун маводи зарурии илмӣ дода метавонад.

Аз баррасии масъалаҳо ва муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф сабки хуби илмӣ дошта, ба ҳалли он вазифаҳое, ки дар назди худ гузоштааст, муваффақ шудааст.

Маълум аст, ки ҳар кори таҳқиқӣ дар баробари дастовард аз камбудиҳо низ орӣ нест. Дар баробари дастовардҳои зиёд дар автореферати диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза баъзе камбудиҳои ҷузъӣ, аз қабили ғалатҳои имлоию китобат роҳ ёфтаанд. Дар ин кори таҳқиқӣ ба сифати сарчашмаҳои асосии таҳқиқ «Одина», «Дохунда», «Ғуломон», «Мактаби куҳна», «Аҳмади девбанд», «Ятим», «Марги судхӯр» ва «Ёддоштҳо» истифода шудаанд. Ба назари мо, таҳқиқи ин мавзуъ назар дар заминаи ду-се асари нависанда беҳтар буд.

Албатта, андешаҳои баёншуда хусусияти тавсиявӣ дошта, сатҳи илмии кори таҳқиқӣ ва арзиши онро коҳиш намедиҳанд.

Дар умум, автореферат ва диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна дар мавзуи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта мебошад ва он ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ аст.

**Муқарриз:**
**номзади илми филология, мудири**
**бахши кор бо лоиҳаҳои инноватсионии**
**раёсати илми Донишгоҳи байналмилалии**
**забонҳои хориҷии Тоҷикистон**
**ба номи Сотим Улуғзода** **Нодирова М.А.**
**«16» майи соли 2023**

**Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Испечак 1,**
**М. 1, бинои 1, ҳуҷраи 17**
**Тел: (+992) 918-10-50-70.**
**E-mail: ilm@ddzt.tj**

**Имзои М.А. Нодироваро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳова корҳои махсуси Донишгоҳи**
**байналмилалии забонҳои хориҷии**
**Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** **Юсупова Б. Ғ.**

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ба номи СОТИМ УЛУҒЗОДА * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев, 17/6**
**Тел: (+992) 37 232 50 00.**
**E-mail: ddzt@ddzt.tj**
**16.05.2023**